*Ба ҳуқуқи дастнавис*

**УДК: 330,34(575.3)**
**ББК:65,01**
**Д-13**

**ДАВЛАТОВ МЕҲРОҶИДДИН ХАЙРИДДИНОВИЧ**

# МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИҚТИСОДИ ОИЛАВӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР
**(дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

Ихтисос: 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ

**А В Т О Р Е Ф Е Р А Т И**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ

Душанбе – 2018

Диссертатсия дар кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст

**Роҳбари илмӣ:** **Улуғхоҷаева Хосият Рауфовна**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Мирсаидов Аврор Бобоевич**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Раҷабова Илмира Рустамовна**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон

**Муассисаи тақриздиҳанда:** Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон

Дифоъ санаи 19-уми январи соли 2019, соати 10.00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 барои ҳимояи диссертатсияҳо оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисос, ки дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) амал мекунад, баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмии ДМТ ва сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (www.tnu.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат рӯзи «19» – уми декабри соли 2018 ба ташкилотҳо фиристода шудааст.

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсент** **Саидмуродова М.А.**

# I. ТАВСИФИ УМУМИИ РИСОЛА

**Муҳиммияти мавзӯи таҳқиқот**. Дар шароити муосир иқтисоди оилавӣ яке аз субъектҳои муҳимми иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад, ки сабабҳои асосии худро дорад. Якум, иқтисоди оилавӣ, аввалан дар бозори молҳои истеъмолӣ, яке аз истеъмолкунандаи бузург ба ҳисоб меравад. Инчунин дар низоми муносибатҳои бозоргонӣ як ҷузъи муҳимми иқтисоди миллӣ ба шумор меравад, ки ин ба ташаккули омилҳои асосии бозор мусоидат менамояд. Дуюм, иқтисоди оилавӣ метавонад дар бозо-ри дохилӣ ҳамчун истеҳсолкунанда ширкат варзад, чунки ҳаҷми маҳсу-лоти истеҳсолкунандаи иқтисоди оилавӣ қисми ғайрирасмии бозорро рӯпӯш менамояд. Сеюм, дар он вазифаи иқтисодӣ ва такрористеҳсолӣ, рафтори самаранок муайян шудааст, ки дар бештари ҳолатҳо самти рушди ин равандҳоро муайян менамояд.

Иқтисоди оилавӣ давраи трансформатсионӣ ҳамчун «иқтисоди ғайритабиӣ» муайян мегардад, ки моҳияти он аз набудани механизми устувор ва бароҳмондашудаи амалкунии он иборат аст. Дар чунин шаро-ит иқтисоди оилавӣ дар соҳаҳои ғайрирасмии иқтисод фаъолона ширкат варзида ва дар сектори расмии иқтисод қариб иштирок намекунад. Ин ба сатҳи пасти шуғлнокӣ ва тараққӣ наёфтани сектори воқеии иқтисод вобаста буда, барои инкишофи иқтисоди соҳавӣ мусоидат менамояд.

Аз тарафи дигар, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ҳолат ба миён омадааст, ки давлат ҷалби маблағҳои зарурииро барои дастгирии соҳаи иҷтимоӣ, баландбардории музди меҳнат, нафақапулӣ ва дигар кӯмакпу-лиҳо ҷоннок месозад. Лекин ба ин нигоҳ накарда, вазъи иҷтимоӣ-иқтисо-дии иқтисоди оилавӣ дар асоси рушди меҳнати хонаводагӣ беҳтар мегардад, ки ин тамоюли мусбат арзёбӣ мегардад, лекин падидаи муваққатии дав-раи махсуси иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ин афзоиш аз ҳисоби таъсири омилҳои беруна, пеш аз ҳама муҳоҷирати меҳнатии беру-на ба даст меояд.

Ба ақидаи мо, бо таври қонунӣ талабот ба иқтисоди оилавӣ, махсусан ба молҳои истеъмолӣ ва ғайриистеъмолии воридотӣ меафзояд. Дар натиҷа дар ҷумҳурӣ воридот назар ба содирот якчанд маротиба афзуда ин раванд барои давлат мушкилоти муайянеро ба бор оварда, талаботи иқтисоди оилавӣ ба молҳои мазкур сабаби аз ҷумҳурӣ баро-варда шудани захираҳои тиллову асъор мегардад.

Дар чунин шароит зарурати объективии танзими давлатии рушди иқтисоди оилавӣ ва меҳнати оилавӣ дар давраи трансформатисонӣ ва самаранокии равандҳо ба миён меояд, ки ин мазмуни асосии мавзӯи рисолаи илмии мазкурро фаро гирифта, яке аз мавзӯҳои муҳим, ҳалталаб ва дар айни ҳол рӯзмарра ба ҳисоб меравад.

**Сатҳи таҳқиқи илмии мавзӯъ.** Масъалаҳои самаранокии фаъолияти хоҷагиҳои оилавӣ ҳамеша дар мадди назари иқтисодчиёни равияи клас-сикӣ ва неоклассикӣ қарор дошт. Мувофиқи сарчашмаҳои илмӣ, дар замони худ ҷанбаҳои муайян кардани хоҷагиҳои оилавӣ дар асарҳои А. Смит, Д. Рикардо, Ф. Кенэ ва дигар иқтисодчиёни классик баррасӣ гар-

дида буд. Таносуби оқилонаи даромадҳо ва хароҷотҳои иқтисоди оилавӣ аз ҷиҳати назариявӣ аз ҷониби олимони классик К. Маркс, Ҷ.М. Кейнс, И. Фишер ва дигарон асоснок карда шудааст.

Нақш, аҳаммият ва функсияҳои хоҷагиҳои хонавода дар раванди такрористеҳсолкунӣ аз ҷониби олимон ва таҳқиқотчиён ба монанди С.Н. Булганин, А. Войтов, Е. Гужева, М.А. Гуреев, С. Дятлова, А.В Елизаров, Л.М. Синицын, Н.В. Зверев, К.А. Зуев, И.А. Бондоренко, О.Н. Фирсов, Е.А. Таланов, Е.А. Громоздов ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Хусусиятҳои танзими давлатии иқтисоди оилавӣ дар шароити иқтисоди тағйирёбанда дар асарҳои И.В. Басков, Л.А. Васюнин, Е.В. Плоских, Т.Л. Судова, В.В. Шиховец ва дигарон инъикос ёфтааст.

Зарурати баландбардории самаранокии хоҷагиҳои хонаводагӣ дар шароити иқтисоди трансформатсионӣ аз ҷониби Н.Ю. Егоров, Е.П. Пеухова, С.Д. Резник, А.В. Сонников ва дигарон асоснок карда шудааст.

Хоҷагиҳои хонаводагӣ дар низоми институтҳои иқтисоди бозор-гонӣ дар асарҳои донишмандон ба монанди О.М. Краснова, Н. Наза-ренко, А. Олейник, В. Патрушева, Н. Римашевская ва дигарон мавриди таҳқиқот қарор дода шудаанд.

Такмили механизми фаъолияти хоҷагиҳои хонавода ва рушди меҳнати хонавода дар шароити иқтисоди тағйирёбанда аз ҷониби олимони ватанӣ ба монанди А. Абдуғаффоров, Г.С. Абдусамадов, А.А. Азимов, М.А. Ахмедов, Д.Д. Бобоҷонов, Ш.М. Зокиров, Ш.У. Машокиров, А.О. Орипов, Ф.М. Сатторов, Д.Х. Тоҷзод ва дигарон таҳқиқ гардидааст.

Мушкилоти такмили меҳнати хонаводагӣ дар шароити иқтисоди гузариш аз ҷониби олимони намоёни ҷумҳурӣ И.А. Асроров, С.Ҷ. Комилов, Д.Б. Қодиров, А.К. Қурбонов, Х.М. Муҳаббатов, Т.Н. Назаров, Т. Низомова, Х.У. Умаров, Т.Д. Усмонова, А. Ҷабборов ва дигар олимони ватанӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода шудааст.

Ба ин нигоҳ накарда, дар ҷумҳурӣ пажӯҳишҳое, ки ба таҳқиқи маҷмӯи масоили хоҷагиҳои оилавӣ ва рушди меҳнати хонаводагӣ дар шароити марҳилаи нави рушди иқтисоди миллӣ бахшида шудаанд, на чандон зиёд мебошанд ва ин нукта самти таҳқиқи рисолаи моро муайян менамояд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқи диссертатсия.** Мақсади мавзӯи маз-кур омӯзиши асосҳои назариявӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба баландбардории самаранокии иқтисоди оилавӣ ва рушди меҳнати хонаводагӣ бо назардошти хусусиятҳои онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ҳадафи гузошташуда аз тадқиқот иҷрои вазифаҳои зеринро тақозо менамояд:

- аниқ намудани мазмуни мафҳумҳои «меҳнати хонаводагӣ» ва «иқтисоди оилавӣ» дар шароити нави хоҷагидорӣ;
- ошкор намудани масъалаҳои меҳнати хонаводагӣ дар раванди такрор-истеҳсолкунӣ ва нишон додани масъалаҳои рафтори истеъмолии иқти-соди оилавӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳлили ретроспективии нишондиҳандаҳои хоҷагӣ ва сохтории иқтисоди оилавӣ, инчунин меҳнати хонаводагӣ ва масъалаҳои сикли иҷтимоӣ - иқтисодии хоҷагиҳои хонаводагӣ;

- ошкорсозии нақши иқтисоди оилавӣ дар низоми ташаккули талабот ва пешниҳод дар бозори молҳои истеъмолӣ ва ташаккули механизми дастгирии давлатӣ ва танзими иқтисоди оилавӣ ва меҳнати хонаводагӣ;

- анҷом додани пешбинии даромадҳо ҳамчун асоси коркарди стратегияи рушди иқтисоди оилавӣ;

- коркарди самтҳои асосии баландбардории самаранокии иқтисоди оилавӣ ва меҳнати хонаводагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқоти мазкур** нишон додани дараҷаи тараққиёти иқтисоди оилавӣ ва меҳнати хонаводагӣ дар сохтори иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Предмети таҳқиқотро** муносибатҳои дар ҷараёни фаъолияти иқтисоди оилавӣ ва инкишофи меҳнати хонаводагӣ дар шароити иқтисоди тағйирёбанда бамиёномадаро ташкил медиҳад.

**Соҳаи таҳқиқот.** Таҳиқоти диссертатсионӣ мувофиқи талаботи шиносномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.01. –- Назарияи иқтисодӣ, аз ҷумла бандҳои: 1.1. Иқтисоди сиёсӣ: якҷояамалинамоии қувваҳои истеҳсолкунанда, шаклҳои иқтисодӣ, усулҳои хоҷагидорӣ ва сохтори институтсионалӣ гузаронида шудааст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқотро** асарҳои классикони назарияи иқтисод, асарҳои донишмандон-иқтисоддонҳо, маводҳои институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ, олимони хориҷию ватанӣ, маълумотҳои омории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

**Навгонии таҳқиқот** дар омӯзиш ва таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии иқтисоди оилавӣ дар шароити муосир оварда шудаанд, ки аз он ҷумла, миёни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

- шарҳи муаллиф дар бораи мафҳуми «меҳнати хонаводагӣ» ва «иқтисоди оилавӣ» пешниҳод гардид, ки аз масъалаҳои иқтисоди тағйирёбан-даи ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, исбот гардидааст, ки дар шароити иқти-соди бозорӣ меҳнати хонагӣ ва иқтисоди оилавӣ хусусияти ғайрирасмӣ дорад, чунки онҳо дар истеҳсол ва истеъмоли сектори ғайрирасмии иқти-сод ҳиссаи зиёдро соҳибанд;

- дар асоси омӯзиши сикли иҷтимоӣ-иқтисодии иқтисоди оилавӣ ҷойгоҳ ва нақши он дар низоми муносибатҳои бозоргонӣ ошкор карда шуда, оид ба ин категорияи хоҷагидорӣ, ки асоси сектори аграрии иқтисодро ташкил медиҳад, хулосабарорӣ гардида, инчунин асоснок карда шудааст, ки ин категорияи хоҷагидорӣ дар шароити иқтисоди тағйирёбанда худтаъминкунӣ ва шуғлнокии аҳолиро бо истифодаи бартарияти соҳаи аграрӣ нигоҳ медоранд;

- дар асоси таҳлили вазъи муосири иқтисоди оилавӣ дар ҷумҳурӣ дараҷаи чандирии баланди талаботи онҳо ба молҳои ғайриистеъмолӣ ошкор карда шуда, сохтори даромадҳо ва хароҷотҳои иқтисоди оилавӣ

муайян карда шуда, асоснок карда шудааст, ки як омили муҳимми рушди минбаъдаи ба такмили муҳити молиявӣ дар ҷумҳурӣ мусоидаткунанда, ба ҳисоб меравад;

- исбот гардид, ки хоҷагиҳои оилавӣ субъектҳои фаъолтарини иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, нақши иқтисоди оилавӣ дар низоми механизми бозоргонӣ асоснок карда шуда, мавқеи он дар ташаккули талабот ва пешниҳодот дар бозори молҳо ва хизматрасониҳо нишон дода шудааст;

- зарурати такмили модели танзими давлатии иқтисоди оилавӣ бо воситаи тасҳеҳи сиёсати андозӣ ва гумрукии давлат муайян карда шуда, механизми давлатии танзими иқтисоди оилавӣ дар шароити муосири рушди иқтисод коркард гардидааст, ки дар чор самт (фаъолияти истеҳсолӣ, рафтори истеъмолии иқтисоди оилавӣ, танзими нарх ва сиёсати иҷтимоии давлатӣ) амалӣ мегардаду, ба баландбардории самаранокии онҳо мусоидат намуда, зарурати кластеризатсияи сектори аграрии икти-сод ба сифати яке аз омилҳои муҳимми баландбардории самаранокии фаъолияти хоҷагиҳои хонаводагӣ асоснок карда шудааст;

- самтҳои асосии баландбардории самаранокии иқтисоди оилавӣ дар асоси пешгӯӣ (ояндабинӣ)-и даромадҳои аҳолӣ ва рушди фаъолияти истеҳсолии онҳо коркард гардида, татбиқи марҳилавии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст.

**Заминаи иттилоотӣ** Ба сифати маводи ибтидоӣ маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 1991-2017 истифода бурда шудаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки пешниҳодҳо оид ба ташаккул ва рушди иқтисоди оилавӣ мета-вонанд аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ ба сифати фишанги танзими амалисозии онҳо дар хоҷагидории миллӣ истифода бурда шавад.

Маводи таҳқиқотии мазкур ҳангоми омӯзиши фанҳои назарияи иқтисод, иқтисоди меҳнат, иқтисоди миллӣ, танзими давлатии иқтисо-диёт ва иқтисоди оилавӣ дар макотибҳои олии ҷумҳурӣ ҳамчун воситаи таълимӣ истифода мешавад.

**Методҳои асосии таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқот усулҳои зерин истифода бурда шудаанд: мафҳумӣ (абстрактӣ)-мантиқӣ, таҳлилӣ, монографӣ, иқтисодӣ-оморӣ, муқоисавӣ ва ҳамчунин мушоҳидаҳои шахсии муаллифи рисола доир ба фаъолияти хоҷагиҳои хонаводагӣ.

**Тавсиби натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷа ва мазмуни асосии рисола дар конференсияҳои олимони ҷавон, аспирантон ва унвонҷӯёни Ҷумҳу-рии Тоҷикистон (солҳои 2009-2016), дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2011-2013), Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳте-мур (солҳои 2011-2014), Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ (солҳои 2011-2013), Институти иқтисоди хоҷагии қишлоқи АИХҚТ (солҳои 2008-2013) бо маърӯзаҳои илмӣ гузориш дода шудааст. Мазмуни асосии рисола дар 14 кори илмӣ, дар ҳаҷми умумии 8,3 ҷузъи чопӣ ба нашр расидаанд, ки аз ин 5,5 ҷузъи чопӣ аз муаллифи рисола мебошад.

**Сохтори рисола**. Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда, 21 ҷадвал, 8 расм, аз 162 саҳифаи чопи компютерӣ иборат мебошад.

## II. МАЗМУНИ АСОСИИ РИСОЛА

**Дар муқаддима мубрамияти** мавзӯи диссертатсионӣ собит карда шуда, дараҷаи коркардашавии он арзёбӣ гардидааст. Мақсад, вазифаҳо, предмет ва объекти таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти амалии он баён гардидаанд.

**Дар боби аввал** – «Асосҳои назариявии меҳнати хонаводагӣ ва тарақиёти иқтисоди оилавӣ дар шароити бозоргонӣ» масъалаҳои назариявӣ ва консептуалии иқтисоди оилавӣ, пайдоиш ва инкишофи он баррасӣ карда шудааст. Инчунин дар ин боб мақоми иқтисоди оилавӣ дар низоми муносибатҳои бозорӣ нишон дода шудааст. Муаллиф дар асоси омӯзиши маводҳои назариявӣ муаммоҳои ба мушкилоти иқтисоди оилавӣ алоқаманд бударо дар шароити бозор муайян намудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз бадастории истиқлолияти давлатӣ зарурати таҷдиди назари механизми иқтисоди оилавӣ ба миён омад. Мавҷудияти иқтисоди оилавӣ дар идеологияи сотсиалистӣ ҳангоми гардиши тезу тунд ба сӯйи хоҷагидории бозоргонӣ механизми номукаммал дошт ва мукаммалсозии он саъю кӯшиши зиёдро талаб менамуд.

Ҳангоми дида баромадани хусусиятҳои иқтисоди оилавӣ, нақши он дар раванди такрористеҳсол, ошкорсозии моҳият ва мафҳуми худи иқтисоди оилавӣ мувофиқи мақсад мебуд, ки роҳро ба таҳқиқоти минбаъда боз месозад.

Дар адабиёти муосир иқтисоди оилавӣ ҳамчун институти махсусгардонидашуда муайян карда мешавад, ки механизми он аз қонеъгардонии талаботҳои оила иборат аст. Аз нуқтаи назари мо, чунин муайянкунии хоҷагии хонаводагӣ аз ҷиҳати назариявӣ пурра ва аниқ арзёбӣ намегардад. Ҳарчанд муҳаққиқон моҳияти иқтисоди оилавиро дар чаҳорчӯбаи низоми маҳдудкардашудаи иқтисодӣ ҳамчун институти расмӣ дида мебароянд, лекин дар сурати дида баромадани он ба сифати институти иқтисодӣ бояд таъсиррасонии институтсионалии он ба ҳисоб гирифта шавад. Баъзе аз муаллифони дигар муносибати омехтаи муоинаи хоҷагии хонаводагиро пешниҳод намуданд, ки аз як ҷониб ҳамчун субъект аз як ва ё якчанд шахс иборатанд ва амаликунии мутақобила дошта, бо дигар субъектҳои иқтисодӣ оид ба гардиши захираҳои хусусӣ бо мақсади такрористеҳсолкунии васеи сармояи инсонӣ муносибат менамоянд. Аз тарафи дигар, ҳамчун институт, хоҷагии хонаводагӣ маҷмӯи меъёрҳо ва қоидаҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ мебошад, ки рафтори иштирокчиёни онро муайян намуда, муносибатҳоро байни онҳо ба тартиб дароварда, моделҳои мутақобилаи хоҷагии хонаводагиро бо дигар институтҳо (ширкатҳо ва давлат) муайян менамояд.

Аз рӯйи ақидаи дигар «Хоҷагиҳои хонаводагӣ - ҳамчун субъекти истеъмол ва субъекти пасандозӣ, равандҳое мебошанд, ки дар сатҳи микроиқтисодӣ ҷараён мегиранд, лекин ба таносубҳои макроиқтисодӣ таъсир

мерасонанд ва бо ҳамин тарз субъекти комилҳуқуқи муно-сибатҳои низоми иқтисодӣ мегарданд». Ин гуруҳи таҳқиқотчиён чунин меҳисобанд, ки баландбардории мустақилияти иқтисодии хоҷагиҳои хонаводагӣ ва мустақилияти онҳо аз кӯмаки давлат, дигар институтҳои иқтисодӣ ва ғайрииқтисодӣ барои мақомоти идоракунии иқтисодӣ, бечунучаро ҳамчун оқибати камкунии сарборӣ ба буҷет падидаи мусбат арзёбӣ мегардад.

Фикру андешаҳои дар боло овардашударо таҳлил намуда, ба ақидаи мо чунин таърифи иқтисоди оилавӣ пурратар аст, чунки аз таъсиррасонии институтсионалии хоҷагиҳои хонаводагӣ дар ҳошияи робитаҳои фаъоли иқтисодӣ бо муҳити беруна пешниҳод гардидааст. Инчунин ба ақидаи муаллифон, иқтисоди оилавӣ ин субъекти пурқуввати функсионалӣ ва институтсионалӣ мебошад, ки на танҳо одатан дар бозори меҳнат бартарӣ дорад, инчунин ба бозорҳои молӣ, иттилоотӣ ва молиявӣ таъсири калон мерасонад. Дар асл алоқаи мутақобилаи институтсионалии хоҷагиҳои оилавӣ тамоми соҳаҳои раванди такрористеҳсолкуниро дар шароити иқтисоди бозоргонӣ фаро хоҳанд гирифт.

Дар деҳоти Тоҷикистон хоҷагиҳои хонагӣ (ки дар он оила бо сатҳи пасти зиндагӣ ва серфарзандӣ арзёбӣ мегардад) аз ёрии молиявии давлат ва дигар ташкилотҳои молиявӣ вобастагӣ доранд. Замин дар Тоҷикистон моликияти давлатӣ аст, хоҷагиҳои хонаводагӣ заминҳоро ба муҳлати муайян ва ё дар мувофиқа бо Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 5 январи соли 2008 қабул гардидааст, бемуҳлат ба иҷора мегиранд. Давлат ҳама гуна кӯмаки худро ба хоҷагиҳои хонаводагӣ дар деҳот мерасонад, масалан 50 ҳазор гектари замин ба оилаҳо ва меросхӯрони онҳо барои истифодабарии бемуҳлат дода шудааст. Ғайр аз ин, хоҷагиҳои хонаводагӣ барои рушди хоҷагиҳои наздиҳавлигӣ ва хоҷагиҳои шахсии ёрирасон қарз мегиранд.

Ҳамин тариқ, бо асосноксозии тавзеҳоти категорияи «иқтисоди оилавӣ», ки дар боло оварда шудааст, мо низ мафҳуми зерини онро пешниҳод месозем. Аз нигоҳи мо, иқтисоди оилавӣ дар шароити иқтисоди гузариш институти ғайрирасмӣ мебошад, ки дар маркази механизми иқтисодӣ ҷойгир шуда, ба рафти рушди тамоми институтҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ таъсир мерасонад, азнавистеҳсолкунии қувваи кориро таъмин менамояд, сармоягузориҳоро ташаккул дода, мубодилоти молӣ ва раванди такрористеҳсолкуниро дар иқтисоди миллӣ таъмин менамоянд.

Ҳамин тавр, иқтисоди оилавӣ дар натиҷаи ҷудосозии оила инсти-тути гуногунпаҳлу ва функсионалӣ боқӣ мемонад. Масалан, ҳамчун фард аз рӯи моҳияти мавҷудияти хусусӣ ба низоми иқтисоди бозоргонӣ ва дар муносибатҳои капиталистӣ дар навбати аввал ҳамчун захираи бунёдӣ ворид карда шудааст. Институти хоҷагии хонаводагӣ, бо таъсиси заминаи хусусии моддӣ дар шакли моликият ва пасандозҳои асъорӣ аз оила танҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ ҷудо шуда, дар коркарди «сармояи инсонӣ», тала-боти истеъмолӣ ва талабот ба активҳои пулӣ ширкат меварзид ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ ба худ барои хатарҳои бозоргонӣ, ки бо рафтори моли-явӣ ҳамчун агенти бозоргонӣ алоқамананд, уҳдадорӣ ба худ касб намуд.

Хоҷагии хонаводагӣ, ҳамчун истеҳсолкунанда ва фурӯшандаи қувваи корӣ, сармоя ва замин дар бозори омилҳои истеҳсолот, фурӯшанда ва харидори молҳо ва хизматгузориҳо дар бозори молҳои истеъмолӣ буд. Функсияҳои пасандозҳо дар он инъикос меёфт, ки қисмати даромадҳо дар бонкҳо амонатгузорӣ мешуд, ки онҳоро ҳамчун сармоягузориҳои воқеӣ истифода бурда ва бо ин ба афзоиши истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва баландбардории сатҳи зиндагии аҳолии ҷумҳурӣ мусоидат намудан мумкин буд.

Яке аз маҳакҳои фарқияти хоҷагиҳои хонаводагӣ ва оила буҷети шахсии мутобиқгардонидашудаи ҳар як хоҷагии хонаводагӣ мебошад. Масалан, оила, ки аз се авлод (поколение) (бобо, бибӣ, падар, модар ва фарзанд (набера)) иборат аст, метавонад фаъолияти худро дар доираи як хоҷагии хонаводагӣ, ё ин ки ҷудогона, ки буҷети алоҳидаи худро дошта бошад, пеш барад. Дар мавриди якум оила бо хоҷагиҳои хонаводагӣ мувофиқ меояд ва дар ҳолати дуюм, як оила аз чандин хоҷагиҳои хонаводагӣ иборат аст.

Ҳамин тариқ, истеъмол таркиби муҳимми раванди такрористеҳсолкунии иқтисоди оилавӣ дар маҷмӯи пурраи неъматҳои истеъмолӣ, на танҳо маҷмӯи тасодуфӣ ва ё даврӣ, балки маҷмӯи муайяни неъматҳои истеъмолии баландсифат барои субъектҳои иқтисоди оилавӣ мебошанд, ки дорои талабот аст. Масраф аз даромадҳои маҷмӯии иқтисоди оилавӣ асоснок карда мешавад. Ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар дигар давлатҳо дараҷаи истеъмол вобаста бо дараҷаи даромадҳои аъзоёни иқтисоди оилавӣ, ва кормандон дар мувофиқат, кироя мебошад.

Дар асоси функсияҳои муайянгардида, функсияҳои ба худ хоси иқтисодҳои оилавӣ метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

Якум, «бисёрфунксионалӣ» - хусусияти ба худ хосси фаъолияти иқтисоди оилавӣ дар Тоҷикистони муосир мебошад.

Дуюм, ташаккули иқтисоди оилавӣ дар ҷумҳурӣ, дар нақши соҳибкор бо дарназардошти қобилиятҳои шахс-соҳибмулк қувваи корӣ ҳамчун объекти андозбандӣ арзёбӣ мешавад.

Сеюм, дар Тоҷикистон иқтисоди оилавӣ ҳамчун субъекти функсионалӣ арзёбӣ мегардад, ки қобилияти амал кардан дар ҳудудҳои стандартҳои меҳнатӣ, молиявӣ ва рафтори истеъмолиро дорад.

Дар давраи гузаронидани азнавсозиҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодабарии нокифояи иқтидори иқтисодии корхонаҳои кишоварзӣ мушоҳида мегардид, ки ин ба ҳалли масъалаи таъминоти истеъмолии аҳолӣ, инчунин ба вазъи иқтисоди оилавӣ таъсири манфӣ расонид.

**Дар боби дуюм** – «Вазъи муосир ва рушди иқтисоди оилавӣ ва меҳнати хонаводагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳлили ретроспективии нишондиҳандаҳои ҳаҷмӣ ва сохтории иқтисоди оилавӣ гузаронида шудааст.

Таҳлили меҳнати хонагӣ гузаронида шуда муайян карда шудааст, ки меҳнати хонаводагӣ сарчашмаи алтернативии ташакулёбии даромади оилаҳо ба ҳисоб меравад ва барои рушди иқтисоди оилавӣ мусоидат менамояд. Дар рисолаи диссертатсионӣ муаллиф бо назардошти таҳлили маълумотҳои

Такилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ ғизои меъёри рузонаро барои мардон пешниҳод намудааст.

Ҳалли таъминоти маҳсулоти озуқаворӣ танҳо аз ҳисоби миқдоран зиёд кардани шаклҳои моликияти хусусӣ нокифоя аст. Барои ин на танҳо шаклҳои инноватсионии муносибатҳо, инчунин таҳсилоти муосири инноватсионӣ, шаклҳои муосири истифодабарии замин, тозагӣ ва тартибот дар ҷойи корӣ, маънавиёти баланд, дониши амиқ ва риояи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ лозим аст. Ғайр аз ин, пайдо кардани шаклҳои нави истифодабарии заминро дар асоси истифодаи самараноки захира-ҳои меҳнатӣ ва минтақаҳои кӯҳии водиҳоро дар тамоми дигаргунсозиҳои ҳудудҳои ҷумҳурӣ оқилона мешуморем. Таҷриба нишон медиҳад, ки мақсади муҳимми асосноксозӣ ва татбиқи барномаи озуқаворӣ истифодаи меъёрҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноккардашудаи ғизо дар асоси риояи талаботҳои стандартҳои байналмилалӣ мебошад (Ҷад.1).

**Ҷадвали 1. - Меъёрҳои тавсиягардидаи ғизо аз ҷониби Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (ғизои рӯзона барои мардони синни аз 16 то 60-сола)***

| Номгӯи маҳсулот | Баҳисобгирии қисмати хӯрданбоб | | | | Ҳамагӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Энергияи умумӣ ккал дар як рӯз | Сафеда, ккал дар як рӯз | Чарбу, ккал дар як рӯз | Холестерин, мг дар як рӯз | Грамм дар як рӯз | Истеъмол кг. дар як сол (бо баҳисобгирии қисмати ғайриғизоӣ) |
| Ғалладонагиҳо | 1122,0 | 132,0 | 98,0 | 4/д | 330,0 | 122,9 |
| Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 337,5 | 102,6 | 182,3 | 94,5 | 135,0 | 75,8 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 340,0 | 84,1 | 189,9 | 57,6 | 576,0 | 210,2 |
| Равған ва чарбуи растанӣ | 134,4 | - | 134,9 | 4/д | 15,0 | 5,5 |
| Тухм | 20,4 | 6,6 | 13,5 | 74,1 | 13,0 | 5,5 (116 дона) |
| Моҳӣ ва маҳсулоти моҳигӣ | 28,9 | 19,5 | 9,2 | 8,4 | 28,0 | 18,0 |
| Шакар | 206,0 | 0 | 0 | 0 | 55,0 | 20,1 |
| Сабзавот, мевагӣ | 153,0 | 16,3 | 10,0 | 0 | 370,0 | 180,1 |
| Картошка | 250,2 | 14,5 | 1,6 | 0 | 181,0 | 91,8 |
| Лубиё, чормағз, , офтобпараст | 150,0 | 30,0 | 89,1 | – | 30,0 | 12,2 |
| Машрубот | 47 | 2,0 | 0 | 0 | 20, 0 | 7,3 |
| Ҳамагӣ: | 2780,0 (100 %) | 407,8 (15 %) | 816,8 (29 %) | 243,0 | 1765,0 | 754,2 |

***Сарчашма: Ҳисоби муаллиф: дар асоси маълумотҳои ТУТ. – URL:** http://apps.who.int/nutrition/landscape/report.aspx?iso=tjk

Нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 аз маълумотҳои Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ меъёрҳои ҳаррӯзаи ғизо барои мардони аз синни 16 то 60-сола ба арзиши энергетикии ғизои рӯзона 2780 ккал гувоҳӣ медиҳад. Бояд қайд намуд, ки категорияи мазкури муайяншудаи синнусолӣ, яъне мардони қобили меҳнат (шумораи онҳо дар соли 2014 дар ҷумҳурӣ тақрибан қариб 2,4 млн. нафарро ташкил медод) миқдори зиёдтарини маҳсулоти ғизоиро истеъмол менамоянд. Дар мувофиқа бо меъёрҳои ҷудогардида, ҳар як нафар мард дар як сол бо мақсади нигоҳдории солимии худ ва коршоямӣ бояд 122,9 кг. маҳсулот нонӣ, 75,8 кг. маҳсулоти гӯштӣ, 210,2 л. маҳсулоти ширӣ, 116 дона тухм, 5,5 л. равған ва чарбуи растанӣ, 18 кг. маҳсулоти моҳӣ, 20,1 кг. шакар, 180,1 кг. сабзавот ва мевагӣ, 91,8 кг. картошка, 12,2 кг. чормағз, 7,3 л. машруботро истеъмол намояд.

Аз нуқтаи назари муаллиф, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва баландбардории аҳаммияти он бо даромади пулӣ ва истеъмол аз зарурияти рушди минбаъдаи хоҷагиҳои хонагии оилавӣ шаҳодат медиҳанд.

**Ҷадвали 2. - Тамоюлоти афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар як сари аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2016 (бо кг. дар як сол)***

| **Намуди маҳсулот** | **2001** | **2002** | **2003** | **2004** | **2005** | **2006** | **2007** | **2008** | **2010** | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ғалладона | 102,6 | 109,5 | 133,3 | 141,4 | 133,8 | 129,8 | 129,3 | 128,4 | 167.5 | 142,8 | 154,1 | 172,5 | 159,6 | 168,6 | 166,1 |
| Картошка | 52,3 | 55,7 | 71,4 | 83,7 | 80,2 | 81,6 | 91,9 | 92,6 | 100.9 | 113,3 | 123,9 | 138,2 | 102,9 | 107,5 | 103,9 |
| Сабзавот | 64,9 | 73,9 | 87,4 | 108,4 | 103,8 | 108,1 | 116,0 | 123,6 | 151.7 | 163,1 | 167,8 | 184,6 | 186,7 | 201,9 | 202,2 |
| Мевагӣ ва буттамева | 26,4 | 23,0 | 13,4 | 22,9 | 21,4 | 29,7 | 21,8 | 35,7 | 29.9 | 34,1 | 39,2 | 40,7 | 41,1 | 36,2 | 42,1 |
| Ангур | 15,7 | 12,6 | 4,3 | 14,9 | 13,1 | 15,0 | 16,2 | 16,1 | 16.5 | 20,3 | 20,9 | 21,7 | 22,7 | 24,7 | 24,8 |
| Гӯшт | 5,1 | 5,2 | 6,7 | 7,7 | 7,8 | 8,0 | 8,2 | 8,8 | 9.5 | 9,9 | 10,1 | 10,7 | 12,3 | 13,2 | 27,0 |
| Шир | 53,8 | 64,6 | 69,2 | 77,8 | 77,2 | 77,5 | 80,9 | 81,8 | 87.8 | 91,4 | 97,3 | 102,6 | 103,0 | 107,6 | 106,2 |
| Тухм (дона) | 4,9 | 7,2 | 8,6 | 12,3 | 14,3 | 15,0 | 15,4 | 20,6 | 30.8 | 33,4 | 36,5 | 42,6 | 42,2 | 43,3 | 39,0 |
| Полезӣ | 16,1 | 17,4 | 20,8 | 23,9 | 24,6 | 31,0 | 33,5 | 38,8 | 64.1 | 55,6 | 58,1 | 61,3 | 65,7 | 64,1 | 68,7 |

***Сарчашма: аз тарафи муаллиф ҳисоб карда шудааст: дар асоси маводҳои** Тоҷикистон бо рақамҳо / Агентии омори назди Дастгоҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015. – С.101. Тоҷикистон: 25 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯи оморӣ. Агентии омори назди Дастгоҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – С.323; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – С. 198.

Таҳлили муқоисавии истифодаи даромадҳо ва хароҷотҳои иқтисоди оилавӣ дар баъзе аз мамлакатҳои ИДМ нишон доданд, ки қисмати зиёди даромадҳо дар ин мамлакатҳо аз ҳисоби фаъолияти меҳнатӣ ташаккул меёбад. Лекин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазъият дигар мебошад, яъне қисмати зиёди даромадҳо аз ҳисоби қисматҳои дигар даромадҳо ташаккул меёбад. Бояд қайд намуд, ки дар шароити ҷумҳурии мо қисматҳои асосии даромадҳои аҳолӣ аз даромади хоҷагиҳои ёрирасон, кироякорӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва ғайра иборат аст.

Ба ақидаи муаллиф, рафтори ҳар як шахси инфиродиро танҳо бо мақсади иқтисодӣ маънидод кардан мумкин нест. Раванди қабули қарорҳо дар хоҷагиҳои хонавода характери иҷтимоӣ - шахсӣ дорад. Тавсифоти психологии сардори хоҷагии хонаводаро метавонад ҳамчун омили муҳимми қабули қарор ба монанди дараҷаи тавак-калият муайян намояд, ки хоҷагии хонавода онро раво медонад. Роҳбари хоҷагии хонавода бояд ҷавобгарии шахсиро дар қабули қарорҳо, ки аз он воситаҳои мавҷудияти тамоми оила вобастагӣ доранд, ба пуррагӣ бар дӯши худ гирад, Бар дӯши худ гирифтани чунин борро на ҳама метаво-над, аз ин рӯ, дар сурати шароити баробари дигар одамони дорои азми психологӣ ба таваккалият, метавонанд хоҷагии худро ба тарзе пеш баранд, масалан, кӯшиш намоянд, ки хароҷоти оиларо кам кунанд, алоқаҳои ҳамгироиро бо соҳаи коркард ва фурӯш, яъне он ҷое ки мустақилияти иқтисодии ӯ камтар бошад, ба роҳ монанд.

Барои афзоиши суръатнокии хоҷагии хонаводагӣ одатан сармоягузори-ҳои нав талаб карда мешавад. Давраи инвеститсионӣ ба давраи оилавӣ бо ҳам мувозӣ ҳастанд. Ба дунё омадани фарзандон омилҳоро барои сармоягузорӣ таъмин менамоянд, лекин баъд хароҷотҳо барои онҳо аз ҳисоби камшавии сармоягузориҳо меафзоянд.

Ба ин нигоҳ накарда, дар оилаҳои ҷавон, ки соҳиби фарзанд мебо-шанд, болоравии тезутунди активҳо назар ба оилаҳои пиронсолон, ки меросхӯр надоранд, мушоҳида карда мешавад.

Ҳамчун омили муҳимми муваффақияти хоҷагии хонавода сатҳи маъ-лумотнокии аъзоёни он баромад менамояд. Дар оилаҳои дорои сатҳи баланди маълумотнокӣ иқтидори баланди (инсонии) рушди хоҷагии хонавода мушоҳида мегардад, дар оилаҳои сатҳи маълумотнокиашон пасти хоҷагии хонавода ин иқтидор назаррас нест. Аз ин рӯ, дар солҳои охир ба ин омил диққати ҷиддӣ дода мешавад.

Аз нуқтаи назари мо зарур аст, ки моҳияти худи бозори истеъмолӣ ва механизми амалии онро ошкор созем. Бозор, аз нуқтаи назари умумӣ инъикосгари системаи хариду фурӯш мебошад, ки дар ҷойи муайян бо шартҳо ва иштирокчиёни муайян амалӣ карда мешавад. Бозори истеъмолӣ системаи бузурги (сегменти) бозори миллӣ мебошад ва аз бисёр ҷиҳат зери таъсири сиёсати давлатӣ қарор дорад, чунки аз механизми он суботи иқтисод вобастагӣ дорад.

Ба ақидаи муаллиф, омӯзиши сохтори даромади умумии хоҷагиҳои оилавӣ нишон медиҳад, ки дар онҳо тағйиротҳои калон ба амал омада-анд. Даромадҳои аҳолӣ аз фаъолияти меҳнатӣ то 23,3 маротиба зиёд гар-дидааст, ки дар ҳисоб ба як аъзои хоҷагии хонагӣ аз 5,7 сомонӣ то 132,8 сомонӣ зиёд шудаанд (Ҷад. 3).

**Ҷадвали 3. - Таркиби даромади умумии хоҷагиҳои оилавӣ (бо ҳисоби миёна ба як аъзои хоҷагии хонаводагӣ дар як моҳ, бо сомонӣ, тамоми хоҷагиҳои хонавода)***

| № | Даромади умумӣ, аз ҷумла: | 2000 | 2008 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 16,9 | 153,2 | 190,2 | 225,6 | 258,8 | 293,6 | 323,6 | 297,6 | 343,8 |
| 1. | Даромадҳои меҳнатӣ | 5,7 | 65,2 | 77,5 | 96,2 | 111,1 | 129,2 | 145,9 | 154,5 | 132,8 |
| 2. | Трансфертҳои иҷтимоӣ, аз онҳо | 0,3 | 4,3 | 8,2 | 9,9 | 12,6 | 16,1 | 21,7 | 22,8 | 25,9 |
| | Нафақа | 0,2 | 3,6 | 6,9 | 9,5 | 12,1 | 15,5 | 19,1 | 19,4 | 20,9 |
| | Кӯмакпулиҳо ва дигар пардохтҳо | 0,1 | 0,6 | 1,4 | 0,5 | 0,5 | 0,6 | 0,6 | 3,4 | 5,0 |
| 3. | Даромад аз хоҷагии шахсии ёрирасон, бо баҳисобгирии воридотҳои табиӣ | 8,5 | 33,4 | 43,2 | 45,6 | 50,7 | 54,7 | 35,6 | 15,7 | 58,8 |
| 4. | Даромад аз фурӯши амволи ғайриманқул | 0,04 | 2,6 | 0,4 | 0,5 | 0,4 | 0,7 | 0,7 | 0,1 | 0,2 |
| 5. | Даромад аз моликият | 0,01 | 0,2 | 0,3 | 0,08 | 0,2 | 0,2 | 0,5 | 0,5 | 0,2 |
| 6. | Дигар даромадҳо | 2,4 | 47,5 | 60,5 | 73,3 | 83,8 | 92,6 | 93,7 | 79,2 | 96,03 |

***Сарчашма:** Нишондиҳандаҳои асосии муоинаи буҷетҳои хоҷагиҳои хонаводаҳо: Кумитаи давлатии омор. – Душанбе, 2009. – С.11 – 17; Тоҷикистон: 25 – соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – С. 314–315; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – С. 295

Ба ақидаи муаллиф, ҳарчанд даромадҳои хоҷагиҳои оилавӣ бо ифо-даи умумӣ тамоюл ба зиёдшавӣ доранд, дар сохтори он тағйиротҳои моҳиятнок мушоҳида мегарданд. Масалан, дар соли 2000-ум даромадҳо аз фаъолияти меҳнатӣ дар сохтори даромадҳои умумии хоҷагиҳои хона-водаҳо 22,0%, лекин ҳиссаи даромадҳо аз хоҷагиҳои шахсии наздиҳав-лигии ёрирасон 50,2%, дигар даромадҳо 26,0%-ро ташкил медод. Бо вуҷуди ин дар соли 2016 дар сохтори даромадҳои хоҷагиҳои хонавода даромадҳои меҳнатӣ ҳиссаи 46,7%, даромад аз хоҷагиҳои шахсии назди-ҳавлигии ёрирасон 12,5%, дигар воридот 34,2 %-ро ташкил медод.

Вазъ ва тамоюли рушди иқтисоди оилавиро таҳлил намуда, муал-лиф ба чунин хулоса омадааст, ки давлат ба ҳайси фишанги амаликунии мутақобила бояд дорои як қатор чораҳо бошад, лекин на ҳамаи онҳо таносубҳо ва ҳаҷмҳои талаботи ғайриистеъмолиро танзим карда метаво-нанд, аз ин рӯ бояд ошкор сохт, ки бо воситаи чӣ гуна фишангҳо мо метавонем ин қисмати иқтисодиёти оилавиро танзим намоем.

Дар воқеъ, дар шароити муосир нақши давлат дар ташкили иқти-соди самаранок хеле мураккаб аст. Мақсади асосии давлат пеш аз ҳама аз баландбардории некӯаҳволии ҷомеа бо роҳи таъмини шароити иҷти-моӣ ва иттилоотӣ иборат мебошад.

Дар чунин шароит, аз нигоҳи муҳаққиқон «…бояд амаликунии мутақобилаи самараноки давлат ва хоҷагиҳои хонаводагӣ зарур аст». Аз нуқтаи назари мо, чунин амаликунии мутақобила бояд намуди боз ҳам самаранокро дар ҳолати танзими талаботи ғайриистеъмолии иқтисодҳои оилавӣ дошта бошад.

Дар рисолаи номзадӣ муаллиф қайд менамояд, ки таҳлили нишондиҳандаҳои омории ҷумҳурӣ дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти молҳои ғайри-истеъмолӣ бо суръати тез боло меравад (Ҷад. 4).

**Ҷадвали 4. - Динамикаи воридоти намудҳои асосии маҳсулоти таъиноти истеҳсолӣ - техникӣ, ашёи хом ва молҳои истеъмоли халқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн. доллари ИМА)***

| Нишондиҳандаҳо | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2016 нисбати 2010 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 2657,0 | 3206,0 | 3778,4 | 4045,4 | 4297,4 | 3834,8 | 2773,3 | 104,4 |
| Маҳсулоти нафтӣ | 437,9 | 456,2 | 424,5 | 393,3 | 511,0 | 3521,7 | 2592,6 | 5,9 маротиба |
| Дорувории азотӣ | 4,5 | 7,3 | 17,1 | 24,4 | 22,8 | 25,2 | 31,0 | 6,9 маротиба |
| Рангҳо ва лакҳо | 0,9 | 12,8 | 11,2 | 12,4 | 16,4 | 11,9 | 8,7 | 9,7 Маротиба |
| Шинаҳо ва пневматикӣ | 5,3 | 10,3 | 13,7 | 9,3 | 15,8 | 13,3 | 14,3 | 2,7 маротиба |
| Маводи чӯбии коркардшуда | 94,9 | 126,5 | 137,7 | 150,6 | 182,5 | 130,1 | 77,2 | –18,7 |
| Либос | 8,7 | 16,6 | 8,2 | 10,4 | 16,1 | 18,5 | 12,5 | 143,7 |
| Автомобилҳои сабукрав | 108,8 | 146,8 | 198,1 | 280,9 | 253,8 | 93,0 | 32,6 | –70,0 |
| Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | 5,3 | 7,8 | 13,5 | 14,9 | 24,1 | 18,0 | 1,3 | –75,5 |
| Спирти этилӣ | 0,1 | 1,4 | 1,2 | 3,3 | 3,7 | 3,1 | 3,1 | 31 маротиба |

***Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2015. – С. 325 – 328, 343 – 361; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2017. – С. 346 – 365.

Аз маълумотҳои ҷадвали 4, бармеояд, ки ба ҳисоби умумӣ воридот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2016 4,4% афзудааст. Дар соли 2014 рӯпӯш намудани воридот бо содирот танҳо 22,7%-ро таш -кил додааст, ки ин таҳдиди ҷиддӣ мебошад. Дар ин шароит танзими давлатии гардиши савдои беруна хеле зарур аст, ки ба ин мавқеи мо низ мувофиқ аст ва он аз танзими талаботи ғайриистеъмолии иқтисоди оила-вӣ иборат аст.

**Дар боби сеюм** – «Роҳҳои афзунгардонии самаранокии фаъолияти иқтисоди оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар асоси коркарди маводи сершумори оморӣ ва сарчашмаҳои илмӣ-оморӣ оид ба ин масъала нақши давлат дар танзим ва дастгирии иқтисоди оилавӣ ва меҳнати оилавӣ нишон

дода шудааст. Инчунин дар боби мазкур роҳҳои баландбардории самаранокии иқтисоди оилавӣ ва меҳнати хонаводагӣ дар шароити ҶТ пешниҳод карда шудаанд.

Аз нуқтаи назари мо вақти ба таҷрибаи иқтисоди миллӣ ворид сохтани механизми танзими талаботи ғайриистеъмолии иқтисодиёти оилавӣ расидааст. Он дар мувофиқа бо гурӯҳбандии дар боло оварда шудаи молҳои ғайриистеъмолӣ амалӣ карда мешавад, яъне ҳамчун объекти танзими давлатӣ сатҳи дуюмдараҷаи талаботи иқтисодиёти оилавӣ ба молҳои ғайриистеъмолӣ бароmad менамоянд, ки дар расм оварда шудааст (расми 1).




**Расми 1. - Механизми танзими талаботи ғайриистеъмолии хоҷагиҳои хонаводагӣ**

Сатҳи дуюмдараҷаи талаботи иқтисодҳои оилавиро бо роҳи баландбардории андозҳо ва меъёрҳои баландбардоштташудаи гумрукӣ танзим намуда, давлат имконияти рушди сектори воқеии иқтисодро ба даст меорад. Ин омил бо тарзи зерин ба вуқӯъ меояд.

Аз нигоҳи муаллиф ҳангоми такмили механизми танзими давлатӣ ва дастгирии иқтисоди оилавӣ ва ташкили меҳнати хонаводагӣ пешгӯии даромадҳои оилавӣ ҳангоми коркарди стратегияи рушди иқтисоди оилавӣ муҳим мебошад.

Дар рисола муаллиф менависад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз Консепсияи сиёсати давлатии оилавӣ, ки бо сиёсати демографӣ ва шуғлнокии

аҳолӣ ва рушди иқтисоди оилавӣ алоқаманд аст, коркард нагардидааст. Аз ин ҷост, ки дар Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд карда шудааст, ки оила асоси ҷомеа ва иқтисоди оилавӣ як қисми ҷудонашавандаи иқтисоди миллӣ мебошад. Дар алоқа бо ин тамоми масоили бо хоҷагии хонаводагӣ алоқаманд, таъмини онҳо бо шуғлнокӣ, пасткунии сатҳи камбизоатӣ ва дигар масъалаи микёси умумимиллидошта мебошад. Оила ин падидаи мураккаб мебошад, махсусият ва нодирии оила аз он иборат аст, ки он тамоми ҷанбаҳои фаъолияти ҳаётии инсон, истеъмол, истеҳсол, азнавистеҳсолкунӣ ва ғайраро инъикос менамояд.

Муаллиф дар рисолаи худ асоснок карда қайд менамояд, ки яке самтҳои асосии баландбардории самаранокии иқти-соди оилавӣ - ин сиёсати давлатии оилавӣ, ин системаи мақсадҳо ва вази-фаҳое мебошад, ки ба рушд, азнавистеҳсолкунӣ ва ҳимояи оила ҳамчун асоси бунёдии ҷомеа, нигоҳдории арзишҳои анъанавии оилавӣ, баланд-бардории нақши иҷтимоӣ-иқтисодии оила ва рушди Ҷумҳурии Тоҷикис-тон равона карда шудааст. Аз ин ҷост, ки дар асоси таҳлили морфологӣ занҷираҳои мазкури пешгӯикунанда интихоб карда шудаанд (ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5**

**Занҷираҳои пешгӯикунандаи таҳлили морфологӣ***

| № п/п | Номгӯи моделҳо | Модели пешниҳодгардида |
|---|---|---|
| 1. | Даромадҳои пулии хоҷагиҳои хонаводагии деҳот ($Y_3$) вобаста аз омилҳои муваққатӣ | Тренди хаттӣ |
| 2. | Даромадҳои пулии хоҷагиҳои хонаводагиигии деҳот ($Y_3$) вобаста аз омилҳои муваққатӣ | Тренди ғайрихаттӣ |
| 3. | Даромадҳои пулии хоҷагиҳои хонаводагии деҳот ($Y_3$) вобаста аз маҳсулоти дохилии умумӣ ба ҳар як сари аҳолӣ($mX_3$) | Модели якомилаи хаттии регрессионӣ |
| 4. | Даромадҳои пулии хоҷагиҳои хонаводагии деҳот ($Y_3$) вобаста аз ҳаҷми маҳсулоти умумӣ дар хоҷагиҳои аҳолӣ ($mX_5$) | Модели якомилаи хаттии регрессионӣ |
| 5. | Даромадҳои пулии хоҷагиҳои хонаводагии деҳот ($Y_3$) вобаста аз маҳсулоти дохилии умумӣ ба ҳар як сари аҳолӣ($mX_3$) | Модели якомилаи ғайрихаттии регрессионӣ |
| 6. | маҳсулоти дохилии умумӣ ба ҳар як сари аҳолӣ($mX_3$) вобаста аз маҳсулоти дохилии умумӣ дар хоҷагиҳои аҳолӣ ($mX_5$) | Модели якомилаи ғайрихаттии регрессионӣ |
| 7. | Даромади пулӣ дар як моҳ ба ҳар як сари аҳолӣ ($Y_4$ -$mX_{14}$) вобаста аз омилҳои муваққатӣ | Тренди хаттӣ |
| 8. | Даромади пулӣ дар як моҳ ба ҳар як сари аҳолӣ ($Y_4$ -$mX_{14}$) вобаста аз омилҳои муваққатӣ | Тренди ғайрихаттӣ |
| 9. | Даромади пулӣ дар як моҳ ($Y_4$ - $mX_{14}$) вобаста аз омилҳои муваққатӣ | Модели якомилаи хаттии регрессионӣ Модели якомилаи хаттии регрессионӣ |
| 10. | Вобаста аз омилҳои муваққатӣ ($Y_4$ - $mX_{14}$) вобаста аз омилҳои муваққатӣ | Модели якомилаи ғайрихаттии регрессионӣ |
| 11. | Даромади пулӣ дар як моҳ ба ҳар як сари аҳолӣ ($Y_4$ -$mX_{14}$) вобаста аз омилҳои муваққатӣ | Модели регрессионии бисёромила |

***Манбаъ:** коркард ва пешниҳоди муаллиф

Барои баҳогузории сифати моделҳои пешгӯишаванда ҳисоббаро-баркуниҳои озмоишӣ аз рӯи маълумотҳои ретроспективӣ гузаронида ме-шавад: маънии нишондиҳандаҳо, ки сатҳи зиндагии аҳолиро дар давраи дурнамо таснифот менамоянд, пешгӯӣ мешаванд ва бо роҳи муқоиса бо маъниҳои воқеӣ ғалатҳо пешгӯӣ ва муайян карда мешавад. Қайд намудан ҷоиз аст, ки пешгӯии маҷмӯии рушди кишоварзӣ коркарди доираи васеи нишондиҳандаро пешбинӣ менамояд, ки дараҷа ва сатҳи вазъи онҳоро умуман ва ё аз рӯйи намудҳои фаъолият пешбинӣ менамояд.

Дар рисола, муаллиф қайд менамояд, ки имрӯз яке аз самтҳои асосии баландбардории самаранокии иқтисоди оилавӣ баландбардории самаранокии механизми иқтисодӣ мебошад, ки дар сохтори он иқтисоди оилавӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд. Маҳз бо воситаи иқтисоди оилавӣ татбиқи самараноки моликият дар раванди азнавистеҳсолкунӣ ба амал меояд. Бинобар ин, ҷустуҷӯи роҳҳои самараноки амаликунии иқти-соди оилавӣ масъалаи асосии иқтисоди миллӣ мегардад.

Таҷрибаи мамлакатҳои пешқадами дунёро омӯхта, муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки дараҷаи наздикшавии оила ва хоҷагиҳои хона-водагӣ, чун қоида, бевосита ба хусусиятҳои ҷамъияти иҷтимоию маданӣ вобаста мебошад. Паҳн кардани андешаҳо дар бораи он ки дар дав-латҳои романӣ (маданияти забони Рими қадимро дар байни дигар халқҳои Аврупои Ғарбӣ дар асрҳои якуми мелодӣ зуран ҷорӣ кардан) ба мисли Италия, Испания, як қисм кишварҳои Амрикои Лотинӣ чун анъана, оила ва хоҷагиҳои хонаводагӣ ба якдигар наздик мебошанд, нисбат ба мамлакатҳои англо-саксонӣ (масалан, ИМА), ба ҳақиқат дуруст аст. Ин маънои онро дорад, ки оилаи одии итолиёвӣ, агарчи оилаи худро барпо намояд ҳам, аммо муносибати худро бо волидони худ ва дигар хешовандон давом медиҳад, онҳоро кӯмак намуда, аз онҳо кӯмаки моддӣ низ мегирад. Баръакс, амрикоии ҷавон розӣ аст, ки ҳарчи тезтар аз волидон ва дигар аъзои оилаи худ «канда шавад» ва аз ҳисоби воситаҳои худ зиндагии мустақилонаро пеш барад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъият ба ниҳодҳои давлатҳои романӣ, яъне оила ва хоҷагиҳои хонаводагӣ мувофиқ меояд.

